«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушбахтзода Қ.Х.
_____
«30» 06 2022с.

ХУЛОСАИ

Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Диссертатсияи Қамаров Аслиддин Зайнитдинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 07.00.15. – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст. Номбурда соли 2016 дар кафедраи минтақашиносии хориҷии ДМТ ба ҳайси унвончӯ шомил гардида, онро соли 2019 хатм намудааст.

Роҳбари илмии Қамаров Аслиддин Зайнитдинович номзади илмҳои таърих, дотсент Самиев Холаҳмад Давлатович мебошад.

Мавзуи диссертатсия бо қарори №8 Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ зери унвони “Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)” аз 26 марти соли 2016 тасдиқ гардидааст.

Қамаров А.З. аз соли 2014 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи мутолиоти Шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа карда истодааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), протоколи №14 аз 20.08.2020, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), протоколи №13 аз 27.12.2017 ва аз ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои

байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ 5 (аъло), протоколи №10 аз 30.05.2022 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Қамаров А.З. дар маҷлиси Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 7 майи соли 2022, суратмаҷлиси №9 муҳокима гардидааст.

Дар муҳокимаи рисола профессорон Саидов Ҳ.С., Олимов М.А., дотсентон Самиев Х.Д., Ҷаъфаров С.Х., Салимов Ф.Н., Розиқов Ф.М., Нуридин П.Р., Мамадазимов А.М., Шарипов А.Н., Раҳмонов М.А., Наҷмиддинов А.Ф., муаллими калон Басиров Б.С. ва ассистентон Анвари С. ва Мирзоев Ҳ.Т. иштирок доштанд.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи "Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)" дар шароити ташаккули равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки тавсеаи арзишҳои ғарбӣ ва осебпазирии давлатҳои миллиро инъикос менамояд, муҳим мебошад.

Аҳамияти таҳқиқот. Бо касби истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуд, ки дар моддаи 15-и Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало ифодаи худро ёфтааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо кишварҳои хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳоро барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад».

Истиқлолият барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти мусоид ва дурнамодошта фароҳам овард, ки бо ҷаҳони араб ҳамкориҳои мутақобилан судманд дошта бошад.

Ҳамкорӣ бо ҷаҳони араб, ки онҳоро Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар ниҳодҳои минтақавӣ бо ҳам муттаҳид месозад, барои Тоҷикистон аз чанд ҷиҳат муҳим мебошад:

- Тоҷикистон бо доштани зиёда аз 90% аҳолии мусалмон, ба хотири таҳкими истиқлолият ва амнияти худ узви Созмони ҳамкории исломӣ мебошад;

- барқарор намудани ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ва ошно намудани тоҷикон бо мероси гаронбаҳои ниёгонашон, ки бо забони арабӣ таълиф гардидаанд;

- бо дарназардошти имкониятҳои молии кишварҳои араб ҳамкориҳо дар соҳаи илму фарҳанг метавонад мукаддимае барои ҷалби сармоягузорӣ ба Тоҷикистон гардад;

- барқарор карданди муносибат бо ҷахони араб барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавӣ дорои аҳамияти бузург мебошад.

Самти кишварҳои мусалмонии (кишварҳои араб – Арабистони Саудӣ, Қатар, Қувайт, Баҳрайн, Миср, Алҷазоир, Амороти Муттаҳидаи Араб ва ғайра) сиёсати хориҷии Тоҷикистонро метавон самти нав номид, зеро равобити нисбатан зич миёни ҷонибҳо аз соли 2006 оғоз гардид. Давлатҳои ҷаҳони араб кишварҳое мебошанд, ки дар ҳоли рушду тараққӣ қарор дошта, иқтисодашон боло меравад, зеро онҳо содиркунандагони асосии нафт дар ҷаҳон мебошанд. Иқтидори технологӣ ва имконияти сармоягузорӣ ҷиҳати рушди истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаи энергетика барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз ширкатҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматии сармоягузории ин кишварҳо дар Тоҷикистон фаъолият менамоянд. Рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои араб ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Сатҳи омӯзиши илмии диссертатсионӣ. Мавзӯи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият таваҷҷӯҳи донишмандони ватанӣ ва мактабҳои илмии кишварҳои арабро ба худ ҷалб намудааст.

Сарфи назар аз он ки ҷанбаҳои алоҳидаи мавзӯъ дар шакли монографияву мақолаҳо ва таҳқиқоти алоҳида баррасӣ шуда бошанд ҳам,

онҳо имкони инъикоси тамоми паҳлӯҳои ҳамкории тарафҳоро фароҳам намеоранд. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқоти маҷмӯӣ-муқоисавӣ дар ин самт ва таълифи диссертатсия бо забони тоҷикӣ ба миён омад. Дар рафти таҳқиқот маҷмӯи адабиёт ва осори илмӣ оид ба паҳлӯҳои мухталифи мавзӯъ истифода шуданд.

Навгонии илмии диссертатсия дар омӯзиш ва таҳлили илмии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар соҳаи илм ва фарҳанг инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти маҷмӯии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистонро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи усули баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

Инчунин навгониҳои диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

▪таърихи ҳамкориҳои мардуми тоҷику араб мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

▪ ташаккули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии тоҷику араб дар даврони шӯравӣ (солҳои 1924-1991) баррасӣ карда шуд;

▪ ташаккули ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар солҳои 1991-2006 таҳлил карда шуд;

▪ таҳаввулот дар ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар солҳои 2007-2016 мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

▪ мушкилоти рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб мавриди омӯзиш қарор гирифт;

▪дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб мавриди арзёбӣ қарор гирифт;

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои дипломатҳо, таърихнигорон, ҷомеашиносон ва онҳое, ки машғули омӯзиши муносибатҳои гуногунсоҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб, ҳамчунин барои амалӣ намудани фаъолияти пурсамари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳо вобаста ба равобити илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб, маводи таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо роҷеъ ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву тавсияҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг ва сохторҳои марбутаи кишварҳои араб ба хотири беҳтар намудани ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми тартиб додани нақшаҳои рушди дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар самти таҳкими ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ истифода гарданд.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 мақолаи нашршудаи муаллиф, дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо ба шарҳи зер аст:

[1-М] Қамаров, А.З. Саҳми ДМТ дар омода кардани мутахассисони арабшинос [Матн] / А.З. Қамаров // Паёми ДМТ. – Душанбе: 2017, №4/6. – С. 262-268.

[2-М] Қамаров, А.З. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони Шӯравӣ [Матн] / А.З. Қамаров // Паёми ДМТ. – Душанбе: 2018, №5. – С. 76-82.

[3-М] Қамаров, А.З. Саҳми тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ [Матн] / А.З. Қамаров // Паёми ДМТ. – Душанбе: 2019, №2. – С. 124-131.

[4-М] Қамаров, А.З. Баркароршавии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб (1991-2006) [Матн] / А.З. Қамаров, Х.Д. Самиев // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе: 2021, №3(52). – С. 231-244.

Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Қамаров Аслиддин Зайнитдиновичро дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)» кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ дониста ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мехисобад.

Дар ин замина диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ қабул гардид.

Натиҷаи овоздиҳии кушода: “тарафдор” – 13 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Қарори №11 аз 28.06.2022

Раиси Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ Ҷаъфаров С.Х.

Котиби маҷлис, н.и.т. устоди кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвари С.

«Тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

“30” 06 2022с.